# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Латифов Алихон Давлатович дар мавзӯи «Инъикоси масоили иҷтимоӣ дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ (адабиёти ҳиндӣ) дар ҳаҷми 168 саҳифаи чопи компютерӣ**

Солҳои охир дар ховаршиносии муосир тамоили хиндшиносӣ дар кишвари мо ба мархилаи рушду инкишоф ворид гардидааст. Мактаби хиндушиносии тоҷик, дар самти адабиётшиносӣ дар дахсолаҳои охир пажӯҳишҳои муҳиму бунёдиро дар заминаи назму насри муосири ҳиндӣ ба анҷом расонид, ки воқеан, барои шинохти осори назмиву насрии адабиёти муосири мардуми сарзамини Ҳинд хеле муҳим мебошанд.

Адабиёти ҳиндӣ таърихи чандинасра ва пурғановат дошта, аз ҷумлаи ғанитарин адабиёти Шибҳқораи Ҳинд баршумурда мешавад. Таҳқиқу баррасии ташаккул ва инкишофи адабиёти ҳиндӣ, вижагихои мавзӯиву хунарии он, таҳаввулоти сабку услуб, анвои адабӣ ва дигар масоили умда ва муайянкунандаи он солхои зиёдест, ки мавриди таваҷҷуҳи донишмандони ҷаҳон қарор дорад.

Дар рисолаи илмӣ паҳлӯҳои мухталифи масоили иҷтимоӣ дар ҳикояҳои яке аз намояндагони адабиёти муосири ҳиндӣ, ҳикоянависи соҳибистеъдод Меҳруннисо Парвиз мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирифтааст. Осори номбурда то ба имрӯз мавриди таҳқиқу арзёбии амиқу васеъ қарор нагирифтааст.

Ба миён омадани рисолаи номзадии Латифов Алихон «Инъикоси масоили иҷтимоӣ дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз» иқдоми дигари шоиста дар мутолиа ва омӯзиши муфассалу фарогири тамоилҳои адабӣ, хоса тамоилхои инкишофи жанри ҳикоя дар адабиёти муосири ҳиндӣ мебошад. Муаллифи рисола ба таъкиди муҳиммот ва мубрамияти мавзӯъ, таваҷҷуҳи аҳли назарро ба вижагихои таълифоти ҳикояи муосири ҳиндӣ дар эҷодиёти Меҳруннисо Парвиз ҷалб менамояд, ки он ҳадафи пажӯҳиши муаллифро мушаххас мегардонад ва имрӯз маҳз яке аз нависандагоне, ки камолу боландагии насри ҳиндӣ ва махсусан, жанри ҳикоя саҳми барҷаста дорад, Меҳруннисо Парвиз мебошад.

Дар адабиётшиносии тоҷик низ то ба имрӯз ба ҷуз ишораҳои ҷузъӣ дар бархе аз таълифоти ҳиндшиносон рисолаи алоҳидае таълиф нашудааст.

Кори пешниҳодшуда яке аз аввалин кӯшишҳои таҳқиқоти махсус, ки ба мероси эҷодии нависандаи муосири ҳиндӣ Меҳруниссо Парвиз ва вижагихои таълифоти ҳикояи муосири ҳиндӣ бахшида шудааст

Муаллифи диссертатсия дар мисоли ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз ба таҳқиқи паҳлӯҳои мухталифи масоили иҷтимоӣ машғул шуда, рӯзгору осор, ҳунари эҷодӣ, сабку нигориши бадеии осори адибаро баррасӣ намудааст.

Рӯи кор омадани таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзӯи мазкур зарур ва саривақтист. Кори пешниҳодшуда яке аз аввалин кӯшишҳои таҳқиқоти махсус, ки ба мероси эҷодии нависандаи муосири ҳиндӣ Меҳруниссо Парвиз ва вижагихои таълифоти ҳикояи муосири ҳиндӣ бахшида шудааст

Муҳиммияти интихоби мавзӯъ аз ҷониби диссертант возеҳ ифода ёфта, бо як қатор далелҳои эътимоднок асоснок карда шудаанд ва ягон шубҳае пеш намеорад.

Нуқтаи дигаре, ки метавонад нишони мубрамияти интихоби мавзӯъ бошад, диду вусъати назар ва ҳунари нависандагии Меҳруннисо Парвиз дар тарҳу бозтоби бадеӣ-адабии мазоҳири зиндагӣ, воқеияти айнӣ, симои ҷомеаи имрӯзи Ҳинд аст. Сабку шеваи нигориши ӯ аз дигар нависандагони ҳамнаслаш комилан мутафовит аст.

Навгонии илмии рисола дар он зоҳир мегардад, ки дар адабиётшиносии тоҷик аввалин маротиба зиндагиномаи нависандаи номдор Меҳруннисо Парвиз тадвину мураттаб гардида, китобу маҷмкӯаҳои нашршудаи ӯ ба таври хронологӣ тавсиф шудаанд. Хусусиятҳои мавзӯӣ, идеавӣ ва услубии ҳикояҳои нависанда ба таври ҷомеъ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Рисола аз муқаддима аз 3 боб, зербобҳо, хулоса ва феҳрасти адабиёти истифодашуда фароҳам омадааст. Сохтори рисола низ мақсади гузошташударо инъикос менамояд.

Унвонҷӯ дар муқаддимаи рисола оид ба масоили аҳамият, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, сарчашмаҳои таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, навгониҳо, арзиши назарӣ ва амалии таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркард ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқ андешаву мулоҳизаҳои хешро баён намудааст.

Дар боби аввали диссертатсия, ки «Меҳруннисо Парвиз – намояндаи насли адибони давраи озодии Ҳиндустон» унвон дошта, аз чор зербоб – «Зиндагиномаи Меҳруннисо Парвиз», «Меҳруннисо Парвиз ва танқиди

адабӣ», «Осори Меҳруннисо Парвиз» ва «Фаъолияти рӯзноманигорӣ ва иҷтимоии Меҳруннисо Парвиз» фароҳам омадааст.

Диссертант ҳангоми баррасии масъалаҳои мавриди таҳқиқ, пеш аз хама, аз гуфтаву навиштаҳои адибон ва муҳаққиқони Ҳинд, маълумоти энсиклопедия солу мохи таваллуд, айёми тахсил, фаъолияти рузноманигорӣ ва нависандагӣ кору эҷодиёти минбаъдаи адибаро мушаххасан нишон дода, мавриди шарҳу тавзеҳ қарор додааст. Дар баробари ин, унвонҷӯ дар зербоби сеюми хамин боб дар асоси навиштахои муҳаққиқону ихлосмандони ҳикояҳои адиба дар рӯзномаву маҷаллаҳо, романҳои эҷодкардаи адиба, мероси адабии П. Меҳруннисоро аз аввалин ҳикояҳои ӯ, ки бо номи «Ба Октябри аъзам» дар рӯзномаи «Самараи Самар»» интишор ёфтааст, то охирин осори ӯ мушаххасан шарҳу маънидод кардааст. Муаллифи диссертатсия дар мисоли ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз ба таҳқиқи паҳлӯҳои мухталифи масоили иҷтимоӣ машғул шуда, рӯзгору осор, ҳунари эҷодӣ, сабку нигориши бадеии осори адибаро баррасӣ намудааст.

Ҳамчунин дар таблиғу тарвиҷи мавзӯоти мухталифи зиндагии иҷтимоӣ, тарҷумаҳои адиба, накду баррасии масоили адабиётшиносӣ муфассал маълумот додааст, ки аз истикроби андеша, ҷӯяндагӣ, бохабар будан аз методу усулҳои таҳқиқ ва таснифнигории унвонҷӯ башорат медиҳанд.

«Инъикоси масоили иҷтимоӣ дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз» унвони боби дуюм аст, ки фарогири ду зербоб мебошад.

Муаллиф дар зербоби аввали боби дуюм зери унвони «Бозтоби ҷойгоҳи занон дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз» талош намудааст, то масъалаи занону накши онҳоро дар ҷомеаи Ҳиндустон мавриди арзёбӣ қарор диҳад. Равшан аст, ки мавзӯи зан, мавкеияти он дар конуни хонаводагӣ, дар ҷомеа, вазъи ҳуқуқии занон аз зумраи мавзӯъҳое мебошад, ки дар адабиёти тамоми қавму миллатҳо мавҷуд аст. Ошноӣ бо осори Меҳруннисо Парвиз нишон медиҳад, ки инъикоси масоили иҷтимоӣ ва махсусан мушкилоти зан дар ҷомеаи Ҳиндустон яке аз мавзӯъҳои асосӣ ба шумор меравад.

Дар зербоби «Бозтоби пайвандҳои хонаводагӣ» диссертант доир ба андешаҳои Меҳруннисо Парвиз нисбат ба мавзӯъҳои муносибати миёни фарзандон, таъсири муҳити хонавода дар камолу инкишофи ҷаҳонбинии онҳо, бархӯрди онҳо ба мушкилоти хонавода, ки дар ҳикояҳои нависанда накши калидӣ доранд, мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Боби савум зери унвони «Ҳунари ҳикоянависии Меҳруннисо Парвиз (масоили зебошинохтӣ)» фарогири ду зербоб буда, ба таҳлилу арзёбии ҷанбаҳои ҳунарӣ ва эстетикии нависанда бахшида шудааст. Зербоби аввал «Таҳлили ҳикояҳо ва ҷанбаҳои сабкии онҳо» ном дошта, бо таҳлили ҳикояҳо ва ҷанбаҳои сабкии онҳо оғоз мешавад.

Диссертант дар ин зербоб панҷ ҳикояи адибаро мавриди таҳлил қарор дода, вижагиҳои ҳунари ҳикоянависӣ ва шеваҳои эҷодгарии нависандаро шарҳу тавзеҳ додааст.

Дар адабиётшиносии имрӯз масъалаи муҳимму арзишманд бархӯрди муҳаққиқона ба осори нависандагонест, ки дар афзоиши ин жанри куҳан ба шуҳрат расидаанд. Ҳалли ин масъала шинохти ҳунару истеъдод, шеваҳои эҷодгарии нависандаи ба шуҳратрасидаро тақозо мекунад.

Дар зербоби дувум бо номи «Нақши муколама дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз» диссертант шеваҳои истифодаи диалогро дар ҳикояҳои нависанда таҳқиқ намуда, нақши муколамаро дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз бо таҳлили як ҳикояи нависанда шарҳу тавзеҳ додааст.

Муаллиф саъй намудааст, то аз як тараф ҷойгоҳи муколамаро дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз таъин ва бозгушоӣ намояд ва аз ҷониби дигар, нақшу аҳамияти муколамаҳоро ҳамчун яке аз рукнҳои эҷоди тавсифу баён созад. Диссертант иброз медорад, ки муколама ё гуфтугӯ дар осори мансур вобаста ба он ки ҳунару истеъдоди нависанда дар чи пояе қарор дорад, метавонад вазифаҳои гуногунро иҷро намояд.

Муаллиф дар бахши хулосаи диссертатсия муҳимтарин натиҷаҳои таҳқиқро дар 15 банд пешниҳод намудааст, ки ба таври куллӣ нуқтаҳои дорои аҳамияти илмиву назариявии диссертатсияро фаро гирифтаанд.

Натиҷаҳои илмии кор ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки ба рисолаҳои номзадӣ ва ихтисоси 10.01.03 - Адабиёти халқҳои мамолики хориҷӣ (адабиёти ҳиндӣ) дода мешавад, мутобиқат мекунад. Аз он ҷумла:

Натиҷаи №1 - осори эҷодии Меҳруннисо Парвиз мавриди таҳлилу пажӯҳиш қарор гирифтааст.

Натиҷаи №2 – мансубияти нависанда ба мактаби муайяни адабӣ нишон дода шудааст.

Натиҷаи №3 – асосҳои ғоявӣ-фалсафии бадеият дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз тасвир карда шудаанд.

Натиҷаи №4 – вижагиҳои ғоявӣ-мавзӯӣ ва услубии ҳикоя дар эҷодиёти нависанда мавриди таҳлилу пажӯҳиш қарор гирифтаанд.

Бешак, ҷиҳати бартарии кор боз дар он аст, ки сарчашмаҳои илмӣ бо се забон – тоҷикӣ, ҳиндӣ ва русӣ истифода шудаанд, ки арзиши корро баланд менамояд.

Мавзӯъ дар доираи рисолаи номзадӣ ҳалли худро ёфтааст. Муаллиф тавонистааст дар доираи кори илмӣ аз мақсади дар пеш гузоштаи худ барояд. Ӯ дар робита ба ин масъала тамоми маводи мавҷударо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Инчунин бартарии кор дар он аст, ки Латифов А. дар муайян сохтани муҳити Ҳиндустон ва масъалаҳои муҳимми ҳаёти он, инкишоф ва вижагиҳои жанри ҳикоя дар адабиёти муосири Ҳинд аз сарчашмаҳои аслӣ истифода бурда, тавонистааст, нисбати ақидаҳои муаллифони дигар андешаронӣ намуда, кӯшиш намудааст, то нуқтаи назари худро доир ба мавзӯи мавриди назар баён кунад.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи ба ҳимоя пешниҳодшудаи Латифов А.Д. бо равиши таҳқиқ ва ҳалли илмии вазифаҳои пешгузошта фарқ намуда, муҳаққиқи пухтакор будани муаллифро нишон медиҳад.

Автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) мазмуни асосии кори диссертатсионии мазкурро инъикос намудааст. Рӯйхати адабиёт дар асоси стандарт ва талаботи навиштани корҳои диссертатсионӣ мураттаб гардидааст.

Мақолаҳои муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расида, мавзӯи асосии кори диссертатсионии мазкурро фаро гирифтаанд.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар расиданд, ки бартараф кардани онҳо арзиши илмии ин кори таққиқиро боз бештар менамояд.

1. Мураттабсозии аппарати илмӣ-техникии рисола аз камбудиҳо холӣ нест.

2. Бештари ишораҳои овардашуда дар зерхат нишон дода нашудаанд.

3. Дар диссертатсия хатогиҳои имлоӣ (саҳ. 31, 64, 83, 107 ва ғ.), инчунин ғалатҳои техникӣ ва услубӣ (саҳ. 26, 67, 93, 107 ва ғ.). ба назар мерасанд, ки ислоҳу тасҳеҳи онҳо ҳангоми таҳия ва нашри чопии он зарур мебошад.

4. Диссертант дар баъзе мавридҳо дар рисола пайи ҳам иқтибос оварда, нуқтаи назари хешро дар баробари гуфтаҳо зикр накардааст ё ин

ки мавриди таҳлил қарор надодааст.

5. Гарчанде, ки дар рисолаи мазкур аз унсурҳои илмӣ ва усулҳои дар боло зикргардида васеъ истифода шуда бошад ҳам, имконияти боз ҳам васеътар омӯхтани масъала ҷой дошт.

Ин камбудиҳо ҷузъӣ ва ислохшаванда буда, ба хеҷ ваҷҳ арзиши илмии рисоларо кам намегардонанд.

Хулоса, таҳқиқоти илмие, ки Латифов Алихон Давлатович ба анҷом расонидааст, ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз диди амалӣ барои илми адабиётшиносии муосири Ҳинд таҳқиқоти навин буда, барои рушди он саҳми арзанда мегузорад.

Дар хамин асос метавон натиҷагирӣ кард, ки кори диссертатсионии Латифов Алихон Давлатович дар мавзӯи «Инъикоси масоили иҷтимоӣ дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз» таҳқиқоти ба анҷомрасида буда, ба талаботи пунктҳои 10,11,12,14 ва 16-и Карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» ҷавобгӯ аст ва муаллифи он Латифов А.Д. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 - Адабиёти халқҳои мамолики хориҷӣ (адабиёти ҳиндӣ) арзанда аст.

**Номзади илмҳои филологӣ, дотсент,**
**мудири кафедраи филологияи Осиёи**
**Шарқӣ ва Ҷанубии Донишкадаи**
**давлатии забонҳои Тоҷикистон**
**ба номи Сотим Улуғзода** **Саидзода В.С**

734019, Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Муҳаммадиев, 17/6.
Тел.: (+992) 90-994-17-94; E-mail: vays.saidzoda@mail.ru

Имзои Вайсиддин Саидзодаро тасдиқ мекунам.

**Мудири шуъбаи кадрҳои**
**Донишкадаи давлатии забонҳои**
**Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода** **Наҷмуддинов Ш.М.**